# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ профессор Нугмонов Мансур ба диссертатсияи Мирмаматова Манижа Рустамовна дар мавзӯи "Рушди самаранокии фаъолияти таълимӣ - тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ", ки ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 077- и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.**

Раванди таълим як низоми ҳамкории омӯзгорон ва хонандагон маҳсуб меёбад. Ташкили раванди таълим ҳамкории мутақобилаи омӯзгор ва хонандагонро мувофиқи мақсадҳои таълим маҳсуб медонад. Идоракунии раванди таълим маънои муайян кардани ҳадаф, равшан кардани мавзуъҳо, тартиб додани нақша, ташкили иҷрои вазифаҳоро дорад.

Қонунҳои диалектикии табиату ҷамъият, мувофиқати шаклу мазмунро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои муҳими директивии Ҳукумат ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки вобаста ба низоми маорифи кишвар қабул шудаанд, ташкил медиҳад.

Таҳқиқоти мазкур ба якчанд корҳои бунёдӣ, ки ба масъалаҳои сифат ва моҳияти таълими инфродӣ - тафриқавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, салоҳияти касбии омӯзгор, арзёбӣ ва мониторинги омодагии касбии муаллим, меъёрҳои сифати дониши хонандагон, ташхиси педагогӣ ва технологияи истифодаи таълими инфродӣ - тафриқавӣ бахшида шудаанд, такя мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи густариш ва рушди соҳаи маорифро яке аз мавзуъҳои асосии сиёсати давлатӣ муайян намудаанд. Кӯшиши дарки муҳтавои Паёми Пешвои миллат дар

бахшҳои маънавиёт, илму маориф ва тарбияи инсон мавзуи баҳсҳои ҳамарӯзаи мост. Пешвои миллат пайваста таъкид мекунанд, ки таълиму тарбия бояд қудрати бузурге дошта бошад, ки инсонро ба нафъи ҷомеа, рушду пешрафти он дигаргун созад.

Вобаста ба ин, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар робита ба масъалаҳои рушди низоми маорифи кишвар, баланд бардоштани сифати таҳсилот, омӯзиш ва татбиқи технологияҳои муосири педагогӣ дар фазои таҳсилоти кишвар, истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди дарс ва ташкили муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ эътибори хоса зоҳир карда шудааст.

Аз ин рӯ, диссертант яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи таҳсилот яъне муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дар шароити муосир таҳсилотро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Мирмаматова Манижа Рустамовна аз муқаддима, се боб, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи умумӣ, феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда ва феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия аз 197 саҳифаи матни компютерӣ иборат аст. Дар диссертатсия ҳамчунин 8 расму диаграмма ва 12 ҷадвал ҷойгир карда шудааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 182 номгӯй аст.

Боби якум **“Асосҳои илмӣ - назариявии ташкили муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дар таълим”** номгузорӣ шуда, таълими инфиродӣ – тафриқавӣ ҳамчун муаммои педагогӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, нуктаи назари олимони соҳаи педагогика оид ба масъалаи мазкур таҳлили пурра карда шудааст. Ҳамзамон дар ин боб, ба моҳияти педагогӣ ва тавсифи умумии таълими инфиродӣ – тафриқавӣ, эътибори хоса зоҳир карда шуда, мафҳумҳои асосии масъалаи мавриди таҳқиқ қарор додашуда (“тафриқа”, “инфиродӣ”, “муносибати тафриқавӣ”,

“муносибати инфиродӣ”, “таълими тафриқавӣ” ва монанди инҳо) шарҳу эзоҳ дода шуда, доир ба шароити педагогӣ ва меъёрҳои ташкили муносибати инфиродӣ - тафриқавии таълим маълумоти амиқ дода шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия **“Муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ шакли такмили низоми таълим дар мактаби муосир”,** оид ба ҷорӣ намудани таълими тафриқавӣ дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сухан ронда шуда, муносибатҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ ҳамчун воситаи рафъи ихтилофи байни талаботи раванди таълим ва имкониятҳои воқеии кӯдак баррасӣ карда шудааст. Инчунин, хусусиятҳои ташкили фаъолияти таълимии хонандагон дар дарси забони англисӣ бо муносибатҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ; истифодаи муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дар дарсҳои забони англисӣ - воситаи ташаккули шахсияти хонандагон будан, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия “**Самаранокии технологияи ташкили муносибати инфиродӣ- тафриқавӣ дар таълим**” мундариҷа ва ташкили муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баррасӣ гардида, технологияи ҳамгирои таълими инфиродӣ - тафриқавӣ дар таълими хонандагон тавсиф шудааст ва натиҷаҳои самарабахшии технологияи таҳияшудаи ташкили муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дар таълими хонандагон пешниҳод гардидаанд.

**Аҳамияти назария таҳқиқоти** гузаронидаи Мирмаматова М.Р., дар он зоҳир мегардад, ки рисола метавонад ҳамчун сарчашмаи маълумоти назариявӣ оид ба мафҳум ва моҳияти “муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар таълим”, навъ ва шаклҳои маъмули саволу масъалаҳои корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ, ташхиси педагогӣ, бартарӣ ва нуктаҳои мусбии санҷишҳои педагогӣ ва ғайра ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ ва гузаронидани таҳқиқотҳо аз ҷониби дигар таҳқиқотчиён истифода бурда

шавад; хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар асоси таҳлилу баррасии натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ оиди ташкили муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба даст омаданд, дар ҳалли масъалаҳои марбут ба баланд бардоштани сифати таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷумҳурӣ дорои аҳамияти хоса мебошанд; тавсияю пешниҳодҳо оид ба ҳолати кунунии равияҳои марбут ба ташкили муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рисола баёни худро ёфтаанд, дар таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ ба назар гирифта шаванд.

**Саҳми шахсии довталаб** Мирмаматова М.Р., дар таҳқиқоти рисолаи илмии мазкур дар иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, гирд овардани мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, шарҳу тафсир ва муқоисаи назарияҳои олимони соҳа; коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; таҳқиқ намудани сохтор ва мундариҷаи корбарӣ бо донишҷӯён; муайян кардани имкониятҳои муассисаҳои миёнаи умумӣ ба истифодаи фаъолнокиит таълимӣ - тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ; амалӣ намудани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ; интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот зоҳир гардидааст.

Бо баробари муваффақиятҳо ва дастовардҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия ба назари мо баъзе норасоиҳое низ ба чашм мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам самаранок гардидани таҳқиқот мусоидат хоҳад кард:

1. Азбаски дар мундариҷаи диссертатсия корҳои озмоишӣ – амалӣ дида мешаванд, хуб мешуд, ки намунаҳои корҳои иҷрокардаи хонандагон дар замимаҳо оварда шаванд, ки ин далели корҳои иҷрогардида мебошад.

2. Хуб мешуд, ки дар қисмати назариявии кор (хусусан дар боби якум) таҳлили асарҳои олимони ватанӣ, ки ба мавзӯи таҳқиқшаванда бахшида шудаанд, бештар дода мешуданд.

3. Ба назари мо овардани баъзе таҷрибаи дигари муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии кишвар барои муқоиса намудан ва муайян кардани камбудиҳои вуҷуддошта дар ҳалли муаммои таҳқиқшаванда мусоидат менамуд.

4. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои услубӣ, имловӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои ошкоршуда ба мазмуну муҳтаво ва аслияти кори диссертатсионӣ таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намекунанд. Кори диссертатсионӣ анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

Диссертатсияи Мирмаматова М.Р. хусусияти эҷодкориро доро буда, фарогири таҳқиқи муфассали муаммои таҳқиқшаванда аст ва натиҷагирию муқоисаи маводҳои оморӣ дар диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф соҳиби тафаккури илмӣ буда, маҳорати иҷрои амалҳои мураккаби фикриро дорост. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба таҳқиқи муаммои шартҳои педагогии истифодаи муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ, ки дар ҷадвалу диаграммаҳо оварда шудааст, ҷолиби диққат мебошад, ки вобаста ба объекти омӯзиш ба роҳ монда шуда, аз таҳлили оморӣ, математикӣ ва корреляционӣ иборат аст, ки хоси таҳқиқотҳои илмҳои педагогӣ мебошад.

Дар баробари омӯзиши диссертатсияи мазкур, ба хулоса омадан мумкин аст, ки муҳаққиқ ба мақсадҳои гузоштааш ноил гардидааст. Тавсия ва хулосаҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда, аз диди илмӣ навгонӣ эътироф карда шуда, метавонад самаранок гардидани

фаъолияти педагогии кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат намояд.

Диссертатсияи Мирмаматова М.Р., ягонагии дохилиро доро буда, методҳое, ки дар раванди таҳқиқот истифода бурда шудаанд, сифати мусбии диссертатсияро ифода намуда, онро метавон минбаъд дар таҳқиқотҳои илмӣ вобаста ба объекти омӯзиш мавриди истифода қарор дод.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 16 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 6 макола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар автореферати диссертатсия дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ интишор гардидаанд, дар худи диссертатсия, хулосаи он ва автореферат дарҷ гардидаанд.

Автореферати диссертатсия пурра муҳтавои рисоларо дар бар мегирад ва дар он натиҷаҳои асосӣ, ки дар бобҳо, зербобҳо ва зербандҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷ гардидаанд, мутобиқат менамояд.

Диссертатсияи муҳаққиқ Мирмаматова Манижа Рустамовна дар мавзӯи "Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ - тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ" таҳқиқоти илмӣ - тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад ва муаллифи он, сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи

таълими математикаи МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ” Нугмонов Мансур

*Имзои М.Нугмоновро тасдиқ мекунам.*

*Сардори РК ва КМ– и МДТ “Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ”* *Мустафозода А.*

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.Рудаки 121.тел. 224-13-83. unfo@tgpu.tj

11. 08 2025с.